Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-001-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асламзода Некруз дар мавзуи “Бехатарӣ ҳамчун омили рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ” аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Омӯзиши масъалаи бехатарӣ ва таъмини рушди устувори ҷомеаҳо, давлат ва тамоми башарият ба яке аз масъалаҳои муҳимми инкишофи ҷомеаҳо ва давлатҳои муосир мубаддал гардидааст. Он фазои таҳлилӣ ва омӯзишии мактабҳои илмӣ, мутафаккирон ва муҳаққиқони алоҳида, марказҳои илмӣ - таҳқиқотӣ вапажӯҳиши стратегиро иҳота кардааст. Ҷомеаи муосир прогресивӣ аст, вале авзои сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳолати буҳрониро мемонад. Далели ин гуфтаҳо он аст, ки дар замони муосир аз ҳарвақта дида масъалаи бехатарӣ ва рушди устувори давлатҳо аҳамиятноктар шуда истодааст. Таъмини бехатарӣ ҳамчун омили асосии рушди устувори давлат ва ҷомеаҳои миллӣ дар шароити буҳронии низоми муносибатҳои байниҳамдигарии таркиботи институтсионалии системаи сиёсӣ аҳамияти калон пайдо кардааст.

Таъмини бехатарӣ ва рушди устувор дар шароити глобаликунонӣ ва иттилоотикунонӣ кори чандон осон нест. Кафолати ҳимояшавандагии манфиатҳои миллии давлатҳо аз дараҷаи таъмини бехатарӣ ва мустаҳкамкунии асосҳои раванди инкишофи онҳо вобастагӣ дорад. Экспансияи идеологияи экстремистӣ ба вайроншавии ҳолати инкишофи мафкуравӣ ва фазои идеологияи миллию тамаддунии ин ва ё он кишвар оварда мерасонад. Он аз нигоҳи сиёсию давлатӣ ва ҳуқуқӣ, таназзули фазои мафкуравӣ шуморида шуда, арзишҳое ҷун ҳуқуқ ва озодӣ, тартибот ва оромӣ, бехатарӣ ва рушди устуворро коҳиш дода, ба аз байн рафтани

онҳо мусоидат мекунад. Аз ин ҷост, ки кори диссертатсионӣ дар мавзуи муҳимми сиёсӣ иншо гардида, хосиятҳои зиёди амалиро касб менамояд.

Рисолаи диссертатсионии Н. Асламзода таҳиқоти аз ҷиҳати илмӣ анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аҳаммияти назариявию амалӣ дорад ва бо муҳиммият ва навгониҳои худ фарқ менамояд. Мақсад ва вазифаҳои аз ҷониби муаллиф гузошташуда дар рисолаи илмӣ ҳалли худро ёфтаанд, натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада асоснок мебошанд. Адабиёти илмии ба мавзуи диссертатсионӣ дахлдошта ва иқтибосҳо дуруст ва самаранок истифода гардидаанд.

Автореферати диссертатсияи Н. Асламзода дар доираи талаботҳои чунин корҳои таҳқиқотӣ иншо гардида, расмиятҳоро дар низоми сохторӣ ба пуррагӣ риоя намудааст. Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқотиро асоснок намудааст. Дар тавсифи умумии таҳқиқот дар хусуси объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии кори таҳқиқотӣ, навгонии илмӣ ва ҳолатҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва масъалаҳои дигар назари асоснокгардидаеро пешниҳод намудааст.

Диссертант дар раванди таҳқиқоти хеш ба ҷанбаҳои гуногуни масъалаи бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеаи тоҷикистонӣ диққат дода, ба хулосаҳои зарурӣ расидааст. Пеш аз ҳама, аҳаммияти таъмини бехатариро барои инкишофи шахс, ҷомеа ва давлати Тоҷикистон муҳим арзёбӣ намуда, роҳҳои ҳимояшавандагии низоми мутаносиби муносибатҳоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҷомеаи инсонӣ аз ҳарвақта дида ниёз ба таъмини бехатарӣ ва рушди комилро пайдо кардааст. Метавон собит намуд, ки масъалаи бехатарӣ ҳанӯз аз замони пайдоиши аввалин давлатҳо аҳамиятнок ва пурарзиш эътироф гардида буд. Аз ҳамин ҷиҳат, муаллиф қайд мекунад, ки дар шароити давлатдории миллӣ зери мафҳуми таъмини бехатарии миллӣ он омилҳоеро фаҳмида мешаванд, ки боиси амалишавӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ мегарданд.

Вобаста ба аҳамиятнок будани омӯзиши масъалаи бехатарӣ ва рушди устувори давлат дар шароити муосир тамоми мактабҳои миллии илмҳои сиёсӣ бахши асосии таҳқиқоти илмӣ ва омӯзиширо масъалаи бехатарӣ пайваст мегардонанд. Дар шароити имрӯза доираи таҳлили мушкилоти таъмини бехатарӣ, рушди устувор ва масъалаи мустаҳкамнамоии истиқлолияти сиёсӣ тағйир ёфта, васеъ мегардад. Кӯшишҳо ва талошҳои инсоният дар роҳи расидан ба ҷомеаи мутамаддин ин таъмини бехатарӣ ва ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ мебошад.

Дар хулосаи рисолаи диссертатсионӣ натиҷаҳои ба даст овардашуда ва тавсияҳои диссертант барои истифодаи амалии онҳо нишон дода шудаанд. Онҳо дар раванди баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои гуногуни таъмини бехатарии миллӣ ва рушду инкишофи ҷомеа ва давлати Тоҷикистон, таҳкими истиқлолият ва мухторияти сиёсӣ, таҳкими заминаҳои стратегӣ, консепсиявӣ, барномавӣ ва институтсионалии таъмини бехатарии Тоҷикистон метавонанд мавриди истифода қарор қарор гиранд.

Автореферат ва мақолаҳои илмие, ки доир ба мавзуи таҳқиқотӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд, мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро дар сатҳи зарурӣ ифода менамоянд.

Дар баробари пешрафтҳои зиёди кори диссертатсионӣ баъзе хатою иштибоҳҳо низ вомехӯранд:

1. Муаллиф дар бораи таъмини бехатарии сиёсӣ ҳамчун асоси ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва мустаҳкамкунии низоми давлатдории Тоҷикистон андеша намуда, хатарҳои зиёдеро, ба монанди коррупсия, сатҳи нокомили муносибатҳо ва анзимнамоиҳо баррасӣ мекунад. Вале ба таври системавӣ механизми самаранокӣ таъмини бехатариро дар низоми идоракунии давлатӣ пешниҳод накардааст.

2. Диссертант дар бораи таҳкими заминаҳои низомию қудратӣ ҳамчун омили асосии ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини бехатарии Тоҷикистон ба таври васеъ таваҷҷуҳ намуда, мавриди омӯзиш қарор додааст. Хуб мешуд, ки дар бораи усулҳои ғайрианъанавӣ ё худ аҳаммияти истифодаи неруи нармро дар таъминии бехатарӣ ва рушди устувор таҳлил ва баррасӣ менамуд.

Камбудиҳои баёнгардида арзиши моҳиятиро касб накардаанд ва аз ин рӯ, наметавонанд баҳои баланди таҳқиқоти диссертатсиониро кам гардонанд.

Автореферати диссертатсияи Н. Асламзода ба талаботҳо КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсенти
кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи М.С. Осимӣ Қурбоншоев И.Ҷ.

Имзои Қурбоншоев И.Ҷ.- ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

**Суроғаи муқарриз:**
734042, ш. Душанбе, хиёбони Академикҳо Раҷабовҳо, 10
Телефон: (992-372) 21 35 11
info@ttu.tj, ttu@ttu.tj